**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш.Душанбе, к. Нахимов 64/14)**

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Бобошерзода Нозанин Қаракул дар мавзуи “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дастовардҳои илмии дар диссертатсия дарҷ гардида ба сархатҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад: 1.5. Трансформатсияҳои ҳудудӣ-иқтисодӣ; муаммоҳои ташаккулёбии ҳудуди ягонаи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; тафриқабандии минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ; ҳамгироии ҳудудӣ ва дезинтегратсияи мамлакат; 1.9. Баҳодиҳии нақши минтақа дар иқтисодиёти миллӣ (нишондодҳо, усулҳо, методологияи таҳлил); махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо; ҷанбаи ҳудудии сохтори иқтисодӣ, қонуниятҳои трансформатсияи он; сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ; 1.19. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо; 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва ҳудудии инкишофи кишоварзӣ.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Яке аз усулҳои маъмултарини ҳалли масъалаи рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвар шаклҳои ташкили ҳамгироии истеҳсолкунандагон дар сатҳи гуногун мебошад, ки он имкон медиҳад тамоми давраи такрористеҳсол ба як раванди ягона, аз истеҳсоли ашёи хом то баровардани он бо маҳсулоти тайёри ба истеъмоли ниҳоӣ пешбинишуда, муттаҳид карда шавад. Чунин иттиҳод метавонад иқтидорҳои истеҳсолию иқтисодиро дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд.

Аз як тараф, дар бисёр минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сохторҳои ҳамгирої барои таъмини самаранокӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ пешбинӣ шуда, васеъ паҳн шудаанд ва бо шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ, ҳайати иштирокчиёни фаъол, шаклҳои фаъолият, шаклҳои моликият тавсиф карда мешаванд. Аз дигар тараф, амалия ва таҷриба нишон медиҳад, ки сарфи назар аз шиддат гирифтани равандҳои ҳамгироӣ, аз ҷумла дар комплекси агросаноатӣ, дар фаъолияти сохторҳои ҳамгироӣ парокандагӣ аз рӯйи фаъолият ва камсамарӣ ба назар мерасад. Ин ҳолатҳо, аксар маврид бо таркиби тасодуфии ташаккулёфта, сохтори беасоси ҳудудии ширкатҳо, набудани стратегияи коркардҳои маркетингӣ дар вақти кор шарҳ дода мешаванд.

Дар сохторҳои ягонаи агросаноатии вилояти Хатлон норасоии асосӣ дар он аст, ки онҳо аксар вақт бидуни назардошти шароитҳои объективии муҳити берунӣ ва дохилии фаъолият ташкил карда мешаванд. Дар татбиқ ва ҳалли муаммоҳои ин масъала ҳанӯз моделҳои оптималии онҳо ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ коркард нашудаанд. Таҳлили фаъолияти чунин сохторҳо дар минтақа нишон медиҳад, ки дар амал ташкили муносибати ягонаи онҳо дар комплекси агросаноатӣ қариб вуҷуд надорад. Воситаи муҳимми идоракунии корхонаҳои бузурги муттаҳидшуда ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо таҳияи методологияи аниқ санҷидашуда ва арзёбии мукаммали ташаккул ва инкишофи фаъолияти ин сохторҳо дар асоси омӯзиши омилҳо мебошад, ки ба самаранокии равандҳои ҳамгироӣ вобастаанд.

Дар робита ба ин, омӯзиши масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти самараноки комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба минтақаҳои он дар алоҳидагӣ муҳим мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши асосҳои иқтисодӣ, самтҳо ва равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзии минтақа яке аз қисматҳои асосӣ ва мубрами таҳқиқоти илмию амалии мо мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар асосноксозии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар шароити густариши муносибатҳои иқтисодии гуногунҷанба ва пешниҳоди амалии натиҷаҳо оид ба такмили онҳо дар

сатҳи минтақа зоҳир мегардад, ки ин масъаларо дар шароити имрӯза муваффақияти унвонҷӯ гуфтан мумкин аст.

Натиҷаҳои муҳимтарине, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ унвонҷӯ ба даст оварда ба ҳимоя баровардаст, ҳамчун омили наздикшавӣ ва мутобиқсозии фаъолияти якҷояи субъектҳои хоҷагидории истеҳсолоти агросаноатии минтақаи мушаххас (вилоят, ноҳия, ҷамоат), ҳадафи асосӣ рушд ва амиқсозии робитаҳои истеҳсолӣ ва технологӣ, истифодаи муштараки захираҳои меҳнатӣ, сармояи пулӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ва бартараф намудани монеаҳои мутақобила мебошанд. Муаллиф муайян кардааст, ки сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ бо истифодаи маҷмуи принсипҳо (узвияти ихтиёрӣ, мустақилияти иқтисодии корхонаҳо, манфиати иқтисодии истеҳсолкунандагони молҳои аҳаммияти истеъмолидошта, тақсимоти мутавозини натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи сатҳи минтақавӣ) тавассути маҷмуи омилҳо: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, қувваи коргарӣ, афзоиши хоҷагиҳои инфиродӣ дар шаклҳои гуногун, муҳоҷирати меҳнатӣ, кам кардани шумораи корхонаҳои зиёновар ва техникӣ, аз қабили дараҷаи механикунонӣ ва автоматикунонии ҷараёнҳои технологӣ, коркарди технологияҳои нави рақамӣ ҳангоми коркарди маҳсулот, воридоти технологияҳои нав мебошанд.

Таҳлили вазъи муосири сохторҳо ва корхонаҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар вилояти Хатлон мушаххас намудаст. Роҳҳои муосири ҳалли мушкилоти мавҷуда тавассути ҳамкориҳои иқтисодии корхонаҳои соҳаҳои мухталифи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ дар доираи шартномаҳои истеҳсолӣ ва ҳамгироии моликият аз ҷониби унвонҷӯ пешниҳод карда шуданд. Ҳамчунин хусусиятҳо ва равандҳои ҳамгироӣ дар бахши агросаноатии минтақа, зарурати ташкили ҳамкориҳои бисёрҷонибаи байниминтақавӣ оид ба мубодила ва истифодаи таҷрибаи пешқадам, фаъолсозии равандҳои ҳамкорӣ, рушди инфрасохтори иқтисодӣ ва институтсионалӣ дар заминаи шарикии корхонаҳои агросаноатӣ ва давлатӣ асоснок карда шудаанд.

Қайд карда шудааст, ки механизми танзими давлатии рушди ҳамкориҳо дар доираи сохторҳои истеҳсолии минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ коркард ва мукаммал карда шуд, ки он имкон медиҳад самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои агросаноатӣ аз ҳисоби

сатҳи истифодаи замин, фондҳои асосӣ, захираҳои меҳнатӣ, даромаднокӣ, хароҷоти ҷорӣ ва таносуби маҳсулоти умумӣ ба масрафҳои анҷомшуда бо асъори миллӣ баланд бардошта шавад. Модели сохторӣ-функсионалии низоми идоракунии механизми ҳамгироии агросаноатӣ дар минтақа пешниҳод карда шудааст, ки сохти зерсистемаҳои функсионалиро дар се сатҳ: ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ дар бар гирифта, ба амалисозии вазифаҳои ташаккул, назорат ва танзими тамоми равандҳои марбут ба ташкил ва фаъолияти ҳамгироии агросаноатӣ равона карда шудааст ва ҳамчун унсури асосии вазифаи ҳамоҳангсозии маҷмуи ҳадафҳои субъектҳои соҳибкорӣ барои ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ равона шуда, дар доираи стратегияи рушди минтақавӣ амалӣ мегардад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя** пешниҳодшавандаи унвонҷӯ қисмати асосӣ ва хотимавии рисолаи илмиро дар бар гирифта онҳо мавқеи муаллифро дар арзёбии мавзуи таҳқиқшаванда нишон медиҳанд. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки арзёбиҳои дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллиф имконияти минбаъдаи онро дар самти тадбиқи механизмҳои самаранокии равандҳои ҳамгироишудаи агросаноатиро дар минтақаи Хатлон нишон медиҳад. Ҳамчунин нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда моҳияти назариявӣ, амалӣ ва тактикии унвонҷӯро дар самти таҳқиқи масъала инъикос намуда пурра раванди таҳқиқотро фаро мегиранд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва пешниҳодот, феҳристи адабиёт истифодашуда бо 182 номгӯй иборат мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 198 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, дорои 31 ҷадвал, 5 формула, 4 расм ва 1 диаграмма мебошад.

Дар муқаддимаи мавзуъ асосноккунии мубрамияти таҳқиқоти илмӣ, баҳо додани дараҷаи омӯхташавии мавзуи таҳқиқот, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои он, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, пояи иттилоотии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия ва дараҷаи эътимоднокии он баррасӣ шудааст.

**Дар боби якум** – “Асосҳои ташкилӣ - методологии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ” ба моҳият, аҳамият ва инчунин омилҳои асосии таъсиррасонанда ба рушди сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатӣ бахшида шуд. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки

механизмҳои ташаккулёбии асосҳои методии равандҳои ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ таҳқиқ карда шуда, принсипҳо ва нақши онҳо дар иқтисодиёт ошкор карда шудаанд. Аз ин лиҳоз таҳқиқоти анҷомдодаи мо пурра фарогири масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад, ки он яке аз ҳадафҳои стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бояд тавассути такмили механизми ҳамгироии агросаноатӣ ба даст оварда шавад.

**Дар боби дуюм -** «Таҳлили заминаҳои ташаккулдиҳии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ», таҳлили вазъи муосири тамоюли рушди комплекси агросаноатии вилояти Хатлон, рушди рақобатпазирии комплекси агросаноатии минтақавӣ, самаранокии он ва ташаккули сохторҳои минтақавии ҳамгироигардидаи агросаноатӣ баррасӣ карда шудаанд.

**Дар боби сеюм - «Механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ дар вилояти Хатлон»,** модели дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳиягардидаи системаи идоракунии комплекси агросаноатии минтақа барои қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои муҳимтарини рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақа намоиш дода шудааст.

Дар қисми хулоса натиҷаҳои кори илмӣ-тадқиқотӣ ҷамъбаст гардида, хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосӣ ба таври мушаххас асоснок карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Муқаррароти кори илмӣ-тадқиқотӣ, асоснокии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда, шаҳодат аз он медиҳад, ки муаллиф аз назарияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба масъалаи мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ васеъ истифода намуда, дар асоси гуфтаҳои онҳо роҷеъ ба паҳлуҳои асосии масъалаи мазкур нуқтаи назари худро пешниҳод намудааст. Ғайр аз ин қайд кардан зарур ат, ки мавзуи таҳқиқгардида ва натиҷаҳои бадастовардашуда муваффақиятҳои унвонҷӯро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Қобили қайд аст, ки муаллиф дар таҳқиқоти анҷомдодааш вобаста ба мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ як қатор таҳлилҳо анҷом дода, роҳҳои ҳалли мушкилотҳои дар ин самт мавҷударо пешниҳод намудааст.

Унвонҷуй дар рисолаи илмӣ-тадқиқотӣ паҳлуҳои назариявии мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатиро таҳқиқ намуда, қайд кардааст, ки сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар сатҳи минтақавӣ ин раванди ба ҳам наздикшавӣ ва мутобиқсозии мутақобилаи субъектҳои истеҳсолоти агросаноатии минтақаи мушаххас буда, ҳадафҳои он рушд ва амиқсозии робитаҳои истеҳсолию тиҷоратӣ ва технологӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ, бартарафсозии монеаҳо ва монанди инҳо мебошад (саҳ.21).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки хамгироии агросаноатӣ шакли пешрафтаи ҳамкориҳои кишоварзӣ дар замони муосир мебошад. Он ҳамкории самарабахши субъектҳои агросаноатиро таъмин намуда, ба ғанӣ гардонидани бозорҳои озуқаворӣ мусоидат менамояд ва дар заминаи пешрафти илмию техникӣ такмил меёбад, инчунин, барои баланд бардоштани даромаднокии маҳсулоти кишоварзӣ шароити хуб фароҳам месозад (саҳ.22). Ақидаи унвонҷӯй роҷеъ ба он, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои кишоварзӣ ба як қатор мушкилот мувоҷеҳ буда, ин  мушкилот ба ноустувории вазъи молиявии онҳо, суръати пасти навсозии фондҳои асосӣ, сатҳи пасти ташкили захираҳо ва ба шароити номусоиди корӣ алоқаманд мебошад, қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Муаллиф қайд кардааст, ки шаклҳои гуногуни фаъолияти субъектҳои кишоварзӣ ва агросаноатӣ бо тарзи мутақобила якдигарро мукаммал мекунанд ва барои амалисозии фаъолияти иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меоранд ва бо ин роҳ самтҳои рушди тамоми комплекси агросаноатиро муайян намуда, асосҳо ва равандҳои методологии ҳамгироии агросаноатиро мукаммал менамоянд. (саҳ.35.).

Аз ҷониби диссертант гуфта шудааст, ки дар шароити даврai гузариш яке аз вазифаҳои муҳим аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳким ва амиқсозии муносибатҳои кооператсионӣ-ҳамгироӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ ва соҳаҳои ба он алоқаманд ба ҳисоб меравад, ки қобилияти зиёд кардани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзиро ҳангоми рушди пурраи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ дорад. Аз ин рӯ, муносибатҳои муосири кооператсионӣ-ҳамгироии комплекси агросаноатӣ бояд дар заминаи омезиши манфиатҳои хоҷагиҳои ширкаткунанда рушд ёфта,

рушди устувор ва такрористеҳсоли васеи онҳоро таъмин намоянд (саҳ.47).

Муаллиф қайд кардааст, ки дар минтақа дар соли 2016 - 145107 адад хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) фаъолият мекард. Шумораи онҳо дар соли 2020 ба 179005 адад расидааст. Ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) маблағгузории зиёд ва омилҳои мусоидро талаб мекунад, ки аз инҳо иборатанд: афзоиши талаботи истеъмолкунанда, баланд гардидани нархи маҳсулоти истеҳсолшаванда ва коҳиши хароҷоти энергетикӣ. Аммо то ба ҳол дар соҳа шароити нархгузории қобили қабул мавҷуд нест. Таҳлили иҷтимоию иқтисодии хоҷагиҳо ба сиёсати кишоварзии минтақа нигаронида шудааст. Маҳз дар ҳамин категорияи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ қисми зиёди маҳсулот тавлид мегардад. Даромади аз фурӯш гирифташаванда ба аҳолии минтақа имкон медиҳад, ки хароҷоти зиндагии худро таъмин намоянд (саҳ.84).

Унвонҷуй дарк кардааст, ки дар шароити доимо тағйирёбандаи равандҳои иқтисодӣ ва вазъияти геополитикии ҷаҳон дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарёфти сарчашмаҳои сармоягузории дарозмуддат ва имконияти истифодаи босамари онҳо яке аз масъалаҳои асосӣ мебошад. Пайвастагии рушди соҳаи кишоварзии мамлакат ба ду ҳадафи стратегии давлат - таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ва саноатикунонии босуръат алоқаи ногусастанӣ дошта, ташкили заминаҳои самараноки ташаккул ва рушди он вазифаи тамоми ниҳодҳои амалкунандаи молиявию ғайримолиявӣ мебошад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои такмили сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд, ташкил медиҳад. Инчунин, консепсияҳо ва назарияҳои тақсимоти ҳудудии қувваҳои истеҳсолкунанда, усулҳои мавҷудаи арзёбӣ ва ташхиси рушди соҳавӣ ва минтақавӣ, ҳуҷҷатҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарраёсати омори вилояти Хатлон ва Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти анҷомшуда аз он иборат аст, ки

мустақиман барои беҳтар сохтани муносибатҳои иқтисодӣ байни корхонаҳои соҳаҳои гуногуни комплекси агросаноатии вилояти Хатлон аз рӯйи принсипҳои ҳамгироии агросаноатӣ равона карда шудааст. Иҷрои пешниҳодҳо дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва ҳам корхонаҳои бахшҳои дигари комплекси агросаноатӣ баланд бардошта шавад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои рафъи буҳрон дар соҳа, алалхусус дар мукаммалгардонии сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатии минтақа, муътадилӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ истифода бурда шаванд.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳо оид ба муайян кардани самаранокии истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот бо истифода аз қарордодҳои байни ҳамдигар дар доираи ташаккули ҳамгироӣ, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва беҳбудии иҷтимоию иқтисодии аҳолии минтақаҳои деҳоти ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд, омода карда шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Хулосаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар 14 мақола, бо ҳаҷми умумӣ 6,4 ҷузъи чопӣ (бо ҳуқуқи муаллифӣ) нашр шудаанд. Аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст. Теъдоди маводҳои чопӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст), мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот. комиссияи.** Барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

Ба андешаи мо, дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, диссертатсияи тақризшаванда дорои як қатор камбудию норасогиҳо мебошанд, ки аз инҳо иборатанд:

1. Дар боби якуми параграфи 3-юм унвонҷӯ хусусиятҳои ҳамгироии кишоварзиро дар Ҷумҳурии Беларус мавриди таҳқиқ қарор додааст. Хуб мешуд агар унвонҷӯ имкониятҳои истифодаи ин таҷрибаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор медод.
2. Дар боби дуюми параграфи якум унвонҷӯ таҳлили вазъи муосири рушди комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди

баррасӣ қарор додааст. Моҳияти илмии кор беҳтар мегардид агар унвонҷӯ вобаста ба таҳлили нишондиҳандаҳо мушкилоти ҷойдоштаро дар ин самт мушаххас менамуд.

3. Сифати кор беҳтар мегардид агар дар рафти таҳқиқи нишондиҳандаҳои вилояти Хатлон маълумотҳои соли 2021-2022 мавриди истифода қарор дода мешуд.

4. Беҳтар мешуд агар унвонҷӯ вобаста ба мушкилотҳои ҳамгироии агросаноатӣ дар минтақаҳои ғайрисаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқот анҷом дода, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод менамуд.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки эродҳои қайдкардашуда ҷиддӣ набуда, онҳо ислоҳшавандаанд ва хусусияти тавсиявӣ дошта ба сатҳи баланди илмию амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулосаи ҷамъбасти оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Кори илмӣ-тадқиқотии Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзуи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" дар сатҳи зарурии илмӣ омода гардида аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Муқаризи расмӣ:**
**д.и.и., профессори кафедраи идоракунии**
**давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии**
**сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷӯрабоев Ғ.Ҷ.**

**Суроға:** 734061, ш.Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, бинои 4, утоқи 8.
**Тел:** 934369060
**Почтаи элекронӣ:** gafurjon51@mail.ru

**Имзои Ҷурабоев Ғ.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам,**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**